## 5.6.7.[07.00.15]ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶӢ
## 5.6.7.[07.00.15] ИСТОРИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИИ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ
## 5.6.7.[07.00.15] HISTORY OF INTERNATIONAL RELATIONSAND FOREIGN POLICY

***ТКБ 327***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-51-57***

# *АЗ ТАЪРИХИ РОБИТАҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН ДАР ДАР СОЛҲОИ 20-90-УМИ АСРИ XX*

***Мамадқулова Раъно Олимовна****, омӯзгори калони Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Бӯстон)*

# *ИЗ ИСТОРИИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И УЗБЕКИСТАНА В 20-90-Е ГГ. XX ВЕКА*

***Мамадкулова Раъно Олимовна****, старший преподаватель Горно-металлургического института Таджикистана (Таджикистан, Бустон)*

# *FROM THE HISTORY OF SOCIO-ECONOMIC RELATIONS OF TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN IN THE 20-90 XX CENTURY*

***Mamadkulova Rano Olimovna****, senior lecture* of the *Mining-metallurgical institute of Tajikistan (Tajikistan,Buston),*
***E– mail:*** *ranomamadkulova@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Тоҷикистон, Ӯзбекистон, робитаҳои дӯстӣ, муносибати байнидавлатӣ, сохмони иншоотҳои хоҷагӣ, мусобиқаи сотсиалистӣ*

*Дар мақола марҳилаҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар даврони Шӯравӣ ва солҳои аввали соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳо баррасӣ мешавад. Фосилаи замони таҳқиқ аз ибтидои солҳои 20-ум то охири солҳои 90-уми асри XX маҳдуд карда мешавад, ки дар ин давра, Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор дар ҳайати Ӯзбекистон қарор дошт (солҳои 1924-1929), сипас ба ҳайси ҷумҳурии соҳибихтиёр дар ҳайати ИҶШС арзи ҳастӣ намуд ва робитаҳои густурдаи иқтисодиву фарҳангиро бо собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз ҷумла бо Ӯзбекистон ба роҳ мондааст. Дар пажӯҳиш моҳияти робитаҳои иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон бо назардошти анъанаҳои дӯстиву ҳамсоядорӣ, чӣ дар давраи Шӯравӣ ва чӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳо таҳлил гаштаанд.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Узбекистан, дружественные отношения, межгосударственные связи, хозяйственное строительство, социалистическое соревнование*

*В статье рассматриваются основные этапы сотрудничества Таджикистана и Узбекистана в советское время и первые годы государственной независимости. Временной отрезок ограничивается периодом с начала 20-х до конца 90-х годов XX века, включающий в себя время пребывания Таджикистана в качестве автономной республики в составе Узбекской ССР (1924-1929 гг.), затем, когда Таджикистан был уже суверенной республикой в составе СССР, и отражены вопросы социально-экономических связей с Узбекистаном. В исследовании проанализирована сущность социально-экономических отношений между Таджикистаном и Узбекистаном с учетом традиций дружбы и добрососедства, как в советский период, так и в первые годы независимости республик.*

***Key words****: Tajikistan, Uzbekistan, friendly relations, interstate relations, economic construction, socialist competition*

*This article discusses the main stages of cooperation between Tajikistan and Uzbekistan in the Soviet era and the early years of their independence. The time period is limited to the period from the beginning of the 20s to the end of the 90s of the twentieth century; the periods when Tajikistan was an autonomous republic within the Uzbek SSR (1924-1929), and then when Tajikistan was as a sovereign republic within USSR developing it's socio-economic ties with Uzbekistan. The study analyzes the essence of socio-economic relations between Tajikistan and Uzbekistan, taking into account the traditions of friendship and good neighborhoodness, both in the Soviet period and in the first years of independence of the republics.*

Масъалаи муносибатҳои байнидавлатӣ дар даврони мо ба яке аз масоили мубрами замон табдил ёфтааст ва он таърихан ба ҳамзистии халқҳои маскуни он кишварҳо равобити қавӣ дорад. Ба мубрамияти масъалаи мазкур, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон диққати ҷиддӣ дода дар муқаддимаи асари

худ “Тоҷикон дар оинаи таърих” чунини зикр кардаанд: “Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳеч як миллат наметавонад, бидуни баҳравар шудан аз тамаддуни муштараки миллатҳову қавмҳои ҳамҷавор бо сари танҳои худ миллати тавонову бофарҳанг гардад ва дар тӯли ҳазорсолаҳо бобақову поянда монда тавонад”[13, с.14]

Минтақаи Осиёи Марказӣ, ки аз оғоз манзили зисти халқҳои ҳамҷавор будааст, аз азал макони бархӯрди манфиатҳои қавмии халқҳои гуногун буду ҳаст. Дар ин замина миллати тоҷик низ дар маскани муштараки ҷуғрофию таърихӣ бо қавму халқҳои дигар паҳлу ба паҳлу рӯзгор ба сар бурда, марҳилаҳои муҳими рушди давлатдорӣ, иҷтимоию фарҳангиро аз сар гузарондааст.

Ин нуқтаро аллома Бобоҷон Ғафуров дар асари безаволи худ "Тоҷикон" ба риштаи таҳқиқ кашида, зарурати муносибати боэҳтиромона ва эҳтиёткоронаро ба дӯстиву бародарии анъанавии халқҳои Осиёи Миёна, хосатан тоҷикону ӯзбекон таъкид намудааст ва решаҳои басо қадим, гусехтанашавандаи равобити судманди мардуми ин сарзаминро чунин хотирнишон сохтааст: "Хусусан тоҷикон ва ӯзбекон, ки ташаккули халқияти онҳо дар асоси умумияти нажодӣ қарор гирифтааст, бо ҳамдигар робитаи хеле наздик доранд. Чуноне ки ӯзбекон аз сарватҳои мадании халқи тоҷик баҳраманд мегарданд, ҳамин тариқа тоҷикон низ аз комёбиҳои маданияти халқи ӯзбек файзёб буданд; хусусияти маданияти моддӣ, урфу одат, санъат ва хунарҳои халқии тоҷикон ва ӯзбекон чунон наздиканд, ки гоҳо дар байни онҳо фарқ гузоштан мумкин нест. Таърихи давраҳои қадимтарин, қадим ва ҳамчунин асримиёнагии ин халқҳо хеле шабеҳ ва аксаран яксон буда, илова бар ин сайри инкишофи он дар як сарзамин ба вуқӯъ пайвастааст” [2, с.7].

Дарҳақиқат, маълум аст, ки халқҳои тоҷик ва ӯзбек умумияти таърихиву маданӣ ва маънавии чандинасра доранд. Урфу одат, анъана, маросимҳо, қадриятҳо, эътиқодии динии ин ду халқ он қадар ба ҳам наздиканд,ки ҷудо кардани онҳо аз ҳамдигар қариб ғайриимкон аст.

Дар асоси ин гуфтаҳо ва таҳқиқоти олимони бузурги шарқшиносу муаррих, ҷуғрофидону мардумшинос муқаррар кардан мумкин аст, ки дар маскани таърихии ин халқҳо дар тӯли қарнҳо даҳҳо давлатҳои хурду бузург арзи ҳастӣ кардаанд, ки ба онҳо намояндагони ин ду халқ сарварӣ доштанд ва ин давлатҳо аз рӯи шакли сиёсию иҷтимоии худ аксаран ба ҳам наздик буданд.

Ба ақидаи олимон, наздикии халқҳои ӯзбек ва тоҷик аз асри VI мелодӣ оғоз шуда, онҳо дар тӯли чанд аср дар як кишвар паҳлӯ ба ҳам зиндагӣ мекарданд ва робитаҳои густурдаи иқтисодиву фарҳангӣ доштанд. Бояд зикр намоем, ки ба наздикии асосҳои муҳими рӯзгордорӣ, расму оин ва анъанаҳои халқҳои тоҷику ӯзбек баробари ҳамзистии тӯлонӣ пеш аз ҳама ягона будани дин ва оини мазҳабӣ таъсири амиқ гузоштаанд.

Ҷоизи қайд аст, ки дар тӯли беш аз ҳазор сол нуфузи забони тоҷикӣ дар минтақаи бузурги Осиёи Марказӣ беҳамто будааст ва дар интишору равнақи дини мубини ислом ва сиёсати давлатдории намояндагони гуногуни қавму халқҳо мақоми баланди давлатиро доштааст.

Вақте,ки сухан дар бораи риштаҳои мустаҳками дӯстии байни халқҳоямон меравад пеш аз ҳама дӯстии ду шахси бузург — намояндагони бузурги адабиёти Шарқ Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ пеши назар меояд. Ҷомӣ барои Алишер Навоӣ ҳамаср, муаллими адабиёт, наздиктарин дӯсти зиндагӣ буд. Навоӣ бо эхтироми бепоён нисбат ба ин бузургвор гуфтааст: «Муршиду устоду пир манга» (Барои ман ӯ муршиду устоду пир аст)[12,с.335].

Анъанаҳои дӯстии ду халқи бародарро минбаъд Абдулло Кодирӣ ва Садриддин Айнӣ, Ғафур Ғулом ва Мирзо Турсунзода, Зулфия ва Мирсаид Миршакар, Эркин Воҳидов ва Лойиқ Шералӣ ва дигарон бо намунаҳои эҷодиёти худ идома даодаанд, дӯстии ҳақиқӣ ва самимиро тараннум намудаанд. Маҳз дӯстии халқҳоямон ба эҷодиёти онҳо илҳом бахшидаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз замони империяи бузурги Сомониён то ба заволи сулолаи манғитиёни Бухоро (дар ибтидои асри XX) ва суқути хонигарии Хӯқанд (ин ҳам дар охири асри X1X ва оғози асри XX) забони тоҷикӣ дар байни мардуми маҳал ҳамчун забони давлатӣ ва адабӣ роиҷ будааст. Дар даврони шӯравӣ, ки аз солҳои бистум сар карда, то ба ибтидои солҳои навадуми асри XX идома ёфтааст, муносибатҳои байни мардуми тоҷику ӯзбек мутобиқи руҳияи замон сурат гирифтаанд. Соли 1924 тоҷикон асосан дар Ҷумҳурии Автономии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон муттаҳид гардиданд. Ин ҳол то ба соли 1929, яъне то ба мустақил эълон гардидани Ҷумҳурии Шӯравии

Сотсиалистии Тоҷикистон идома ёфт, ки як намуди заминаи сиёсии ҳамзистӣ ва инкишофу тараққии халқҳои тоҷику ӯзбек ба шумор меояд.

Аз соли 1924 баъди ҷумҳурии автономӣ шудан ва минбаъд асосан аз соли 1929 пас аз ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон эълон гардидани қаламрави ҳозираи кишвари мо ҳамкориҳои баробари ду давлати мустақили Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ҳайати Ҷамоҳири Иттифоқи Шӯравии Сотсиалистӣ ба роҳ монда шуда он рукни навинро гирифт. Ҳанӯз дар ибтидои даврони шӯравӣ–солҳои 20-ум мардумони қаламрави Тоҷикистону Ӯзбекистон асосан дар иншооти бузургу муҳими хоҷагии халқ, ки асосан ирригатсионию гидротехникӣ буданд, якҷоя меҳнат карда, дар сохтмони ҳаёти нави шӯравӣ китф ба китф будаанд. Дар солҳои аввали замони шӯравӣ дар натиҷаи нооромию тохтутози дастаҳои босмачӣ ва антиинқилобчиён хоҷагии халқи ҳам Тоҷикистон ва Ӯзбекистон хароб гардид ва зарурати бемайлон тараққӣ додани соҳаи кишоварзӣ ва бо озуқаворӣ таъмин намудани халқ ба миён омад. Ҳангоми мураттаб кардани нақшаҳои панҷсолаҳои нахустин ҳукуматҳои ҳарду ҷумҳурӣ ҳам ба беҳтар кардани системаи амалкунандаи ирригатсионӣ баҳри баланд бардоштани боздеҳи замин диққати махсус доданд.

Аз сабаби он ки ҷумҳуриҳои мазкур асосан аграрӣ буданд, масъалаи беҳдошти замин ва шабакаҳои обёрӣ дар мадди назар буд. Аз ҳамин сабаб моҳи декабри соли 1922 қарори махсус қабул карда шуд, ки дар он барқарор кардани системаи обёрии тамоми Туркистон ҳамчун масъалаи муҳимтарини давлатӣ зикр гардид. Ҳамчунин Ҳукумати мамлакати шӯравӣ моҳи феврали соли 1923 "Дар бораи барқарор кардани системаи ирригатсионии Ҷумҳурии Туркистон" декрет интишор кард, ки барои солҳои минбаъда чун арномаи амал хизмат мекард ва барои оянда равнақ ёфтани кишоварзӣ дар ду ҷумҳурии зикршуда шароит фароҳам меовард [10, с.48].

Солҳои 30-юми асри XX дар тамоми қаламрави давлати бузурги СССР ҳаракати даст ёфтан ба истиқлолияти пахта доман паҳн карда буд ва ин омил таконе гардид ба инкишофи соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон. Баҳри равнаќу ривоҷ додани пахтакорӣ дар Осиёи Миёна ҳукумати мамлакати шӯравӣ диққати асосӣ дод ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти (болшевикии) ҶШС Тоҷикистон моҳи феквраи соли 1931 "Дар бораи сохтмони Вахш" қарор қабул кард ва ин минтақаи калони аграриро пойгоҳи сохтмони умумииттифоқӣ эълон намуд. Дар асоси ин қарор дар водии Вахш системаи бузурги ирригатсионию гидротехникӣ сохта, барои пешбурди соҳаи пахтакорӣ омода карда мешуд.

Дар ин водӣ солҳои 1931-1934 аз 12 то 20 ҳазор кас ва зиёда аз 500 адад мошину трактор ва 24 адад экскаватор кор карданд. Азбаски ноҳияҳои вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон ва навоҳии дигари он бо ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамсарҳад буданд, аз ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳазорҳо нафар сохтмончиёну заминкушоён дар сохтмони водии Вахш иштирок карда, абадан тақдири худро бо ин хоку об пайвастанд, ки асосан ҷавонони ихтиёрӣ буданд... [10, с.14].

Чунин ҳамкории ҳамаҷонибаи беҳамто байни мардуми ин ду ҷумҳурӣ ҳангоми сохтмони Канали Калони Фарғона, Канали Шимоли Фарғона ва Канали Калони Ҳисор равшан зуҳур кардааст. Сохтмони иншоотҳои бузурги ирригатсионӣ бо ташаббуси мардумони ду кишвар–Тоҷикистону Ӯзбекистон оғоз ёфта, ба ҳашаргоҳи умумихалқӣ табдил ёфт.

Роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон ташаббуси мардуми ноҳияҳои шимоли мамлакатро оид ба ҳашари умумихалқии сохтмони Канали Калони Фарғона ҷонибдорӣ карда, дар Пленуми июлии КМ ҲК(б) Тоҷикистон соли 1939 ҳам Бюрои КМ ҲК (б) ва ҳам Шӯрои Комиссарони Халқиро вазифадор кард, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин корҳои амалӣ ва тарғиботиро дар кофтани қисми тоҷикистонии Канали Калони Фарғона ба роҳ монда, мардумро сафарбар намоянд. 5 июни соли 1939 ШКХ ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи сохтмони Канали Калони Фарғона" қарор қабул карда, муҳим будани сохтмонро дар ҳудуди Тоҷикистон махсус зикр намуд ва Тоҷикводхоз вазифадор карда шуд, ки барои ин сохтмон 300 ҳазор сӯм маблағ ҷудо намояд. Ҳамчунин КМ ҳизб ва Ҳукумати мамлакат аз 14 июни соли 1939 қарори якҷоя қабул карданд, ки ташаббуси идомаи сохтмони Канали Калони Фарғона аз ноҳияи Кирови вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон то ноҳияи Конибодоми Тоҷикистон дастгирӣ карда шавад [10, с.14].

Умуман дар сохтмони навбати якум ва навбати дуюми Канали калони Фарғона, ки дарозиаш 125 километрро ташкил медиҳад, зиёда аз 50 ҳазор меҳнаткаши Ӯзбекистон ва Тоҷикистон иштирок карданд. Ин иншооти ирригатсионӣ минбаъд ҳазорҳо гектар заминҳои ташналаби ҳарду ҷумҳуриро шодоб гардонид ва масъалаи камобиро дар минтақаҳои атрофи худ аз байн бурд.

Пас аз Канали Калони Фарғона барои обёрии ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) Канали Шимоли Фарғона сохта, ба истифода дода шуд, ки дарозии он 60 км буда, бо истифодаи техникаи ҳамон замон дар муддати 15 рӯзи корӣ аз ҷониби 18 ҳазор ҳашарчӣ бунёд гардидааст. Дар чорабиниҳои сохтмонҳои бузурги ҳамон давр ҳазорон нафар меҳнаткашон паҳлуи ҳам истода, нишони олии дӯстии халқҳоро намоиш доданд ва даҳҳо ҳазор гектар заминро шодоб гардониданд. Ҳамон вақт номҳои садҳо нафар қаҳрамонони меҳнат вирди забони халқҳои бародар гаштанд.

Баъди анҷоми сохтмонҳои бузург роҳбарияти ҳар ду ҷумҳурӣ бахри амалӣ кардани нақшаҳои калони тараққии соҳаи кишоварзӣ камар бастанд, ки яке сохтмони иншооти бузурги ирригатсионӣ дар водии Ҳисор буд. Азбаски усули ҳашари умумихалқӣ дар сохтмонҳои каналҳо дар водии Фарғона натиҷаҳои дилхоҳ дод, меҳнаткашони водии Ҳисор ва вилояти Сурхондарёи ҶШС Ӯзбекистон тирамоҳи соли 1940 бунёди Канали Калони Ҳисорро аз Душанберӯд то наҳри Қаротоғ ба дарозии 50 км оғоз намуданд. Зиёда аз ду ҳазор сокинони ноҳияҳои атрофи Душанбе барои бунёди дарғот (плотина-обтақсимкунак) аҳлона меҳнат карданд. Минбаъд аз рӯд корез канда шуд, ки тавассути он об шабакаҳои мавҷударо вайрон накарда, ба даштҳои ташнаи ҷониби Ӯзбекистон ҷорӣ мегардид [10, с.14]

Пас аз тайёрии комил соли 1941 ҳам аз ҷониби ҶШС Ӯзбекистон ва ҳам аз ҷониби ҶШС Тоҷикистон корҳо сар шуда, моҳи июни ҳамон сол даври аввали сохтмони канал ба анҷом расид. Ҳарчанд саршавии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ба рафти сохтмон халал расонда бошад ҳам, тирамоҳи соли 1941 сохтмони даври дуюми канал сар шуда, зиёда аз як сол давом кард. Дар ин давр ҳайати коргароне, ки канал мекофтанду иншооти онро бунёд мекарданд, тағъир ёфта, бори кор асосан ба зиммаи наврасону занон ва пиронсолон афтод. Вале мардуми тоҷику ӯзбек тавонистанд, дар ҳамин даврони душвор ҳам аз ӯҳдаи анҷоми ҳама гуна вазифаҳои душвор бароянд.

Ҳамин тавр ҳамкориҳои ҳукуматҳо ва халқҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон бо чунин амалҳои хайру ҳашарҳои калон анҷом наёфтаанд. Баъдтар дар азхудкунии даштҳои бузурги Дилварзин, Мирзочӯл, Қаршӣ, Қизилӣ, Ашти калон, водии Косон ва ғ. акнун ташкилотҳои калони ҷумҳуриявӣ ва трестҳои бузурги минтақавӣ фаъолият бурда, ҳазорон ҳазор коргарону кишоварзон, заминкушоёну механизаторон ва мутахассисони соҳаи обу заминро муттаҳид карданд, ки ному пайкорашон дар солномаи таърихи халқҳо ҷовидона сабт гардидаанд.

Рамзи дӯстии бародаронаи халқҳои СССР ташкили мусобиқаи анъанавии сотсиалистии пахтакорони Ӯзбекистон, Туркманистон, Тоҷикистон ва Озарбойҷон буд. Воситаи муҳими ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди кори бригадаҳои ҷумҳуриҳои пахтакор тафтиши байниҳамдигарӣ ба шумор мерафтанд.

Чунончӣ, бригадаҳои пахтакори ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Тоҷикистон ва Туркманистон, дар моҳи июли соли 1976 ба тамоми вилоятҳои Ӯзбекистон сафар карданд. Онҳо бо вазъияти пахтакорӣ ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлоқ шинос шуданд. Бригадаҳо таҷрибаи мусбатро қайд намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро муайян карданд, сардорони бригадаҳо дар бораи натиҷаи тафтиш ба КМ ҳисобот доданд. Ҳизби Коммунистии Ӯзбекистон, дар асоси он қарори махсус “Дар бораи ҷамъбасти тафтиши байниҳамдигарии иҷрои ӯҳдадориҳои сотсиалистии колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ” қабул кард [5].

Соли 1980 бригадаи тафтиши байниҳамдигарии ҷумҳуриҳои пахтакор ба Тоҷикистон сафар кард. Коркунони хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, хосатан пахтакорон ба шарофати роҳандозӣ гаштани васеи мусобиқаи сотсиалистӣ байни ҷумҳуриҳои пахтакор, дар асоси базаи пуриқтидори техникӣ, истифодаи самараноки агротехника ва усулҳои парвариши пахта натиҷаҳои баланд ба даст оварданд. Пахтакорони тоҷик дар соли 1980 бори аввал ҳосили рекордии пахтаи хом ҷамъоварӣ намуда, ба давлат 1010,7 ҳазор тонна пахта фурӯхтанд. Хосили пахта дар соли 1980 аз ҳар гектар 32,8 сентнерро ташкил дод [4,с.235].

Тибқи маълумоти солҳои 70-80-уми асри XX дар хоҷагии халқи Ӯзбекистон маҳсулоти 58 соҳаи истеҳсолоти Тоҷикистон истифода мегашт, айни замон дар Тоҷикистон маҳсулоти 78 соҳаи истеҳсолоти Ӯзбекистон истифода мегардид. 13 дар сади маҳсулоти воридотии Тоҷикистонро маҳсулотҳои Ӯзбекистон ташкил медод [3,с.15]. 98 дар сади махсулоти аз Ӯзбекистон ба Тоҷикистон воридшаванда маҳсулотҳои саноатӣ буданд. Аз Ӯзбекистон ба ҷумҳурии мо маҳсулоти металлургияи сиёҳ ва ранга, комбайнҳои пахтачинӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, ресмони пахтагӣ ва дигар маҳсулоти саноати сабук ворид мегардид. Аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон бошад, маҳсулоти саноати сабук, мошинҳои бофандагӣ, яхдон, масолеҳи сохтмон фиристода мешуданд [11, с.713].

Ҳамкориҳои ду ҷумҳурӣ баъдан дар сохтмонҳои шоҳроҳҳои калони байниминтақавию байнидавлатӣ, сохтмони роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ вусъат гирифта, дар соҳаи саноати сабук идома ёфт. Дар солҳои барои ҳар ду кишвар душвор роҳбарияти ҷумҳуриҳо ба анъанаҳои ёрии байниҳамдигарӣ эътибори махсус дода, баҳри пойдории бинои муҳташами дӯстӣ тамоми имкониятҳоро истифода мебурданд.

Халқи ӯзбек дар хотир дорад, ки дар ҳодисаи фоҷиабори заминларзаи Тошканд нахустин шуда, гурӯҳҳо ва дастаҳои бинокорони тоҷик ба мадад рафта буданд. Ҳамин гуна дар вақти заминларзаи Қайроққум соли 1985 шаҳрвандони Ӯзбекистон аввалин буданд, ки бо озуқаю масолеҳи сохтмон ба ёрӣ омаданд ва дар бартараф кардани оқибатҳои вазнини ҳодисаи табиӣ саҳми босазои худро гузоштанд.

Солҳои шастум ва ҳафтодуми асри XX сохтмонҳои НБО-и Қайроққум дар Тоҷикистон, НБО-и Фарҳод дар Ӯзбекистон, НБО-и Норак дар Тоҷикистону нерӯгоҳҳои барқии аловӣ дар ҳудуди Ӯзбекистон аз майдонҳои бузурги бинокорӣ маҳсуб мешуданд, ки на танҳо намояндагони ду халқи бародар, балки дар онҳо фиристодагони чандин халқу миллатҳои шӯравӣ ширкат варзиданд.

Хуллас то ба даврони Истиқлолият ҳамкориҳои ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Ӯзбекистон дар доираи нақшаҳо ва барномаҳои умумидавлатии мамлакати бузурги шӯравӣ сурат мегирифтанд.

Ба истиқлолияти давлатӣ соҳиб гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон марҳалаи сифатан нав дар равобити ҳамдигарии ин ду кишвар гардида, ҳар ду давлат истиқлолияти якдигарро аз оғози ин тағйирот ва таҳаввулоти бузурги сиёсӣ эътироф намуданд.

Инкишофи минбаъдаи муносибатҳои байни давлатҳои мустақили минтақа, аз ҷумла Тоҷикистону Ӯзбекистон яке аз вазифаҳои таъхирнопазири даврони соҳибистиқлолии мамлакатҳо гардид.

Муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, мисли тамоми кишварҳо дар солҳои истиқлолият барқарор ва инкишоф ёфтанд.

Миёни ду кишвар беш аз 20 санад дар бахши иқтисод, аз ҷумла 4 санад дар соҳаи ҳамкориҳои башардӯстона ва илмию техникӣ, 5 санад дар соҳаи нақлиёт, 15 санад дар бораи қонунгузории андоз, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бисёр дигар санадҳо ба имзо расид[9,с.209, 214].

Муносибатҳои расмии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22-юми октябри соли 1992 барқарор гашта, дар пойтахтҳои ҳар ду давлат - Душанбе ва Тошканд сафоратхонаҳо ба фаъолият шурӯъ намуданд [7, с.43].

Оғози муносибатҳои байниҳамдигарии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар марҳалаи нав бо давраи барои Тоҷикистон хеле мушкил - муқовимати шадиди сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ рост омад. Ҳукумати Ӯзбекистон барои ҳалли мусолиҳатомези низои дохилии тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Иштироки ҷониби Ӯзбекистон дар музокироти байни тоҷикон ҳамчун кафил дар қатори дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ва расидан ба сулҳу оштӣ назаррас мебошад.

Мардуми тоҷик ёрии беғаразонаи давлати ҳамсояро дар рӯзҳои мушкили ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 эҳсос намуда буд. Чунончӣ, моҳи январи соли 1993 Департамент оид ба масоли гуманитарии Котиботи СММ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба расонидани ёрии гуманитарӣ ба Тоҷикистон муроҷиат намуд. Ба ин муроҷиат нахустин шуда Ӯзбекистон таваҷҷуҳ намуда, ба Тоҷикистон маводи сӯзишворӣ (бензин, корсин, равған) фиристод. Танҳо ба Қӯрғонтеппа 1300 тонна бензин ва 1400 тонна солярка ворид гашт. Санаи 3 декабри соли 1993 аҳолии вилояти Сурхондарё ба Душанбе чор вагон бор – либосҳои бачагона, 126 тонна орд, 10 тонна равғани рустанӣ фиристоданд [1,с.33].

Чоруми январи соли 1993 дар ҷараёни сафари расмии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Тошканд байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шартномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмӣ ба имзо расид, ки он дар муносибатҳои байни ду давлати соҳибистиқлол дар роҳи барқарор намудани равобити дӯстиву бародарӣ ва ҳамкориҳо қадами нахустин ва устувор маҳсуб меёбад.

10-11 октябри соли 1995 дар Тошканд Ёддошти тафоҳум дар бораи тавсеаи равобити Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон[8.с.253], Созишномаи байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 10 январи соли 1997[9,с.211], дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва инсонпарварии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 1998 ва Созишномаи дӯстии абадӣ, ки 15 июни соли 2000 ба тасвиб расида буд, асоси ҳуқуқии муносибатҳои фарҳангии ду кишвар мебошанд.

Алоқаю ҳамкории ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти олӣ дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолии кишварҳо самаранок ба роҳ монда шуданд. Дар ин росто Созишномаи байниҳукуматӣ, ки 10 январи соли 1997 миёни ду ҷумҳурӣ дар соҳаи маориф дар ҷараёни мулоқоти Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида буд, ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои байни ду кишвар мусоидат намуд.

Соли 1998 робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон то андозае густариш ёфтанд, вохӯриҳои сатҳи олӣ баргузор гаштанд. Чунончӣ, санаи 4 январи соли 1998 (рӯзи 5 солагии ба имзо расидани Шартномаи дӯстӣ байни ду давлат) бо даъвати Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов сарвари давлатамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд ташрифи расмӣ анҷом дод. Дар доираи сафар аз ҷумла, Шартномаҳои байниҳукуматӣ дар бораи ҳисоббаробаркунии интиқоли борҳо ва газ барои соли 1997 ва қарзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доир ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои тандурустӣ, илм, техника, иттилоот, фарҳанг ва соҳаи гуманитарӣ ба имзо расиданд. Сарварон давлат қарор карданд, ки Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон гузаронида шаванд. Ҳамаи ин аз фаъол гаштани ҳамкориҳо далолат медоданд[6,с.44].

Соҳаи илм ва пажӯҳишҳои илмӣ яке аз самтҳои муҳими иртибот ва ҳамкории кишварҳо ва мардумони ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мебошад, ки аз замонҳои қадим то имрӯз идома дорад. Аз ин рӯ, равобит ва ҳамкориҳои олимону эҷодкорони илмии Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳатто дар даврони соҳибистиқлолӣ идома ёфта, таҷдид ва мустаҳкам мегардад.

Дар давраи тадқиқот дар самтҳои гуногун конференсияҳои илмӣ, илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ, симпозиумҳо ташкил карда шуда, дар инкишофи илму техника, маориф, маданият, нигаҳдории тандурустӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳуриҳо нақши мусбат бозиданд.

23 майи соли 1994 дар Тошканд нахустин ҷаласаи шӯрои машваратии сарони созмонҳои давлатӣ оид ба идоракунии илм ва технологияи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ баргузор шуд. Дар меморандуми кабулкардаи Шӯро муаммоҳои актуалии ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва техника муайян карда шуданд[8,с.179].

Ба таври умум, имрӯз Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ гашта, тибқи анъана ба мустаҳкам намудани робитаҳои дуҷонибаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва шарикии мутақобилан судманд бо ҳамсояҳои дуру наздик эътибори муҳим медиҳанд. Дар ин радиф Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистон аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир менамояд. Ҳарду давлат бо назардошти аҳамияти геополитикӣ ва иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамкории стратегиро ба роҳ монданд. Худи вақт собит намуд, ки барқарор намудани робитаи байнидавлатии тоҷику ӯзбек ногузир буда, ин ҳамкорӣ баҳри нигоҳ доштани суботу рушди устувор дар минтақа нақши муҳим мебозад.

Дӯстии тоҷикону ӯзбекон ба манфиати ҳарду ин халқҳои ҳамсоя, рушди устувор, таҳкими истиқлолияти воқеии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, сулҳу субот, оромӣ ва амният дар минтақа хизмат хоҳад кард.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Бобозода, Ф.Т. Научно-культурное и социально-гуманитарное сотрудничество между Таджикистаном и Узбекистаном в 1991-1997 гг./Ф.Т.Бобозода// Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-2016.- №3/1(194).- С.31-35.
2. Ғафуров, А. Тоҷикистон дар роҳи ҳифзи истиклолият/А.Ғафуров//Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол—Душанбе: Дониш, 2016.-С. 7- 47.
3. Зунунова, Г.Ш. Экономическое и культурное сотрудничество Узбекистанаи Таджикистана (1976-1935 гг.). Автореф. канд. ист. Наук/Г.Ш.Зунунова.–Ташкент, 1991.-26 с.
4. Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана – Т. 2 – Душанбе: Ирфон, 1984.–С.235.-310
5. Правда Востока.–1976.–36 июля
6. Саидов,З.Ш.Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. – Четвертое,дополненное издание (новая редакция)/ З.Ш.Саидов.–Душанбе: ООО « Контраст», 2011. –624 с.
7. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиклолият // Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011.- 340 с.
8. Тюриков, В. По пути независимости. Республика Узбекистан. Люди, события, даты. 1991-2000/В.Тюриков, Р.Шогулямов. - Ташкент: Шарк, 2000. - 477 с.

9. Ӯзбекистон ва жаҳон ҳамжамияти: халқаро муносабатлар ва ташқи алоқаларни ташкил қилиш. - Тошкент, 2008. –213 б.
10. Хамидов,С. Народное скоростное ирригационное строительство в Таджикистане в 1939-1942 гг. / С.Хамидов //Известия АН Тадж.ССР : Отд. обществ. наук. 1962.- №4.-С.48
11. Ҷӯразода Ҷ.Ҳ., Исомитдинов Ҷ.Б. Аз таърихи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон/ Ҷ.Ҳ.Ҷӯразода,Ҷ.Б.Исомитдинов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳамкории иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир» (Хуҷанд, 21-22-юми июни соли 2019).–Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С.712-716.
12. Шавкат Мирзиёев. Мумтоз шеъриятнинг порлоқ юлдузи/Ш.Мирзиёев// Халқимизнинг розилиги бизнинг фаолиятимизга берилган энг олий баҳодир. –Тошкент, 2018. С. 335. 512 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомониён. - Душанбе, Ирфон, 2009. - 704 с.

**REFERENCES:**

1. Bobozoda, F.T. Scientific-cultural and social-humanitarian cooperation between Tajikistan and Uzbekistan in 1991-1997//Bulletin of Tajik National University -2016.- № 3/1(194).- P.31-35.
2. Gafurov, A.Tajikistan on the road to preserving independence/A. Gafurov//Essays on the history of independent Tajikistan—Dushanbe: Donish, 2016.-P.7-47.
3. Zununova, G.Sh. Economic and cultural cooperation between Uzbekistan and Tajikistan(1976-1935).Abstract of thesis of candidate of historical sciences.– Tashkent, 1991.-26 p.
4. Essays on the history of the Communist Party of Tajikistan - V. 2 - Dushanbe: Irfon, 1984. - P.235.-310 p.
5. Pravda Vostoka (Truth of the East).–1976.–July 36
6. Saidov, Z.Sh. The main foreign policy interests of Tajikistan at the turn of the century. – Fourth, revised edition (new edition). - Dushanbe: LLC "Kontrast", 2011. - 624 p.
7. The foreign policy of Tajikistan in the path of independence // Under the review of Hamrokhon Zarifi. -Dushanbe: Irfon, 2011.- 340 p.
8. Tyurikov, V., Shogulyamov R. On the path of independence. The Republic of Uzbekistan. People, events, dates. 1991-2000. - Tashkent: Shark, 2000. - 477 p.
9. Uzbekistan and the world community: organization of international relations and foreign relations. - Tashkent, 2008. -213 p.
10. Khamidov, S. People's high-speed irrigation construction in Tajikistan in 1939-1942. / S.Khamidov //Bulletin of the Academy of Sciences of the Taj.SSR: Series of social sciences. -1962.- № 4.-P.48
11. Jurazoda, J.H., Isomitdinov J.B. From the history of economic cooperation between Tajikistan and Uzbekistan // Materials of the international scientific-practical conference "Economic-social and cultural cooperation between Tajikistan and Uzbekistan: history and modern times" (Khujand, June 21-22, 2019). - Khujand: Nuri Marifat, 2019. - P.712-716.
12. Shavkat Mirziyoev. Shining star of classical poetry// The approval of our people is the highest evaluation of our work. -Tashkent, 2018. P.335.- 512 p.
13. Emomali Rahmon. Tajiks in the mirror of history. From the Aryans to the Samanidss. – Dushanbe, Irfon, 2009. - 704 p.